Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, г. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак)

Тақриз

ба рисолаи диссертатсионии Азимова Зебоҷон Муродалиевна дар мавзӯи: «Санадҳои корпоративӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи ҳуқуқи умуминазариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Муаллиф пеш аз ҳама актуалӣ будани мавзӯро дар сарсухани рисола ва таркиби кор бо асосҳои илмию ҳуқуқӣ иникос намуда, баъдан мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар доираи аҳамияти илмию амалии рисола дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, кишвари тозабунёди Тоҷикистон аҳамияти хоса дода бо методҳои таҳқиқот, натиҷаҳои бадастомада ва навовариҳоро дар хулосаи рисола рӯйи кор овардааст.

Мубрамияти мавзӯъ дар он зоҳир меёбад, ки муносибатҳои нави иқтисодӣ ва хоҷагӣ истифодаи тарзу усулҳои нави танзими ҳуқуқиро талаб мекунад. Бино ба рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ шумораи ширкатҳо табиист, ки меафзояд. Айни замон ширкатҳо мустақилияти бештар доранд, фаъолияти озоди иқтисодиро ба роҳ мемонанд ва бо мақсади танзими муносибатҳои ташкилии дохилиширкатӣ санадҳои зиёди дохилиро қабул мекунанд. Дар муносибатҳои нави иқтисодӣ, идоравӣ, истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва ғайра корхонаҳо ва шаклҳои дигари субъектони хоҷагидорӣ фаъолона иштирок намуда, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии дохилӣ ё локалиро мустақилона ба сомон мерасонанд. Аз ин хотир накш ва нуфузи санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ боло меравад.

Дар диссертатсияи Азимова З. М., шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ дар шаклҳои гуногун таҳқиқ карда

мешаванд. Чи тавре муаллифи асар қайд менамояд дар ширкатҳо оиннома, низомнома, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, қоидаҳои иштироки аъзоён дар идоракунии ширкат, қоидаҳои танзимкунандаи фаъолияти молиявӣ ва хоҷагӣ бо мақсади танзими ҳуқуқии муносибатҳои байни аъзоён, кормандон, мақомоти идоракунӣ қабул мешаванд, ки шумораашон аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бештар аст. Сабаби ҳамаи инро муаллиф бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ, хоҷагӣ ва инчунин дорои шаклҳои махсуси ифодаю эътибори муайяни ҳуқуқӣ ва фазои амал доштанашонро вобаста ба низоми ҳуқуқии кишвар инъикос намуда дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ мавқеи муҳимро ишғол намудашон рӯйи кор овардааст.

Ҳамчун муқарризи расмӣ мехостам зикр намоям, ки муаллиф вобаста ба методҳои истифодашуда маълумот дода, таҳлили интиқодии адабиёти илмӣ – ҳуқуқӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқии корпоративиро мавриди таҳқиқот қарор дода фикру ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро бо самар истифода намудааст. Қисмати асосии рисоларо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян намудааст, ки рисола ба бобҳо ва зербобҳо ҷудо ва дар ҳампайвастагии мазмун ва пайдарҳамии ҷумлаҳо мантиқан дурӯст дарҷ гардонида шудаанд. Ёдовар шудан ҷоиз аст, ки байни бобҳои рисола як робитаи дохилии маъноӣ, мантиқӣ мавҷуд аст ва мӯҳтавои ҳар як боб возеҳ ва мантиқан дуруст пай дар ҳам баён гардидаанд.

Муаллиф ба ҳар як боб бо хулосаи мухтасар хотима бахшидааст, ки дарак аз эҷодкор будани ӯро шаҳодат медиҳад. Зеро сарлавҳаи ҳар як боб хеле мухтасару возеҳ буда мундариҷаи асосиро аниқ инъикос намудааст. Такрори мавзӯи рисола дар дигар бобҳо ва зербобҳо дида намешавад.

Дар хулосаи рисола чи тавре аз тамоми матни рисола бармеоянд ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ки дар муқаддима зикр ёфтаанд, робитаи мустақим дошта мазмун ва муҳтавои онро ба пуррагӣ ифшо менамояд ва инчунин навгонию тавсияҳо, пешниҳод гардида роҳҳои

таҳқиқоти минбаъдаи мавзӯъ нишон дода шудааст. Ҳаҷми рисола ба талабот ҷавобгу мебошад.

Доираи масъалаҳое, ки дар диссертатсия таҳқиқ карда шудаанд, аз он далолат мекунад, ки диссертатсияи Азимова З. М., кори илмии ҳаматарафа ва анҷомёфта мебошад.

Айни замон диссертатсияи Азимова З.М. ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ дорад.

1. Дар диссертатсия зимни таснифи илмии намудҳои санадҳои корпоративӣ се намуди санадҳои корпоративӣ ҷудо карда мешаванд: қарорҳо, амалҳо ва ҳуҷҷатҳо. Ба ақидаи муаллиф, санадҳои корпоративӣ бояд ҳамчун санадҳои омехта ҳисоб карда шаванд, чунки дар як вақт нишондоди меъёрӣ, инфиродӣ ва ғайримеъёрӣ доранд (саҳ. 61).

Ин ақидаи Азимова З.М. аз лиҳози назариявӣ баҳснок аст. Муаллиф қарорҳо ва ҳуҷҷатҳоро ҳамчун намудҳои мустақили санади корпоративӣ ҷудо мекунад, ҳол он ки ҳама гуна қарор дар шакли ҳуҷҷати ҳуқуқӣ қабул мешавад. Табиист, ки тафовути байни қаррорҳо ва амали ҳуқуқӣ ҷой дорад ва он дар робита бо мафҳуми санад-қарор ва санад-амал гузаронида мешавад. Ин ақидаи пазируфташудаи назарияи ҳуқуқ аст ва он қобили қабул аст. Айни замон санадҳои ҳуқуқӣ шакли ифодаи ҳуҷҷатӣ доранд. Илова бар ин, таклиф пешниҳод мешавад, ки санадҳои корпоративӣ бояд санадҳои омехта ҳисобида шаванд, чунки нишондоди меъёрӣ, инфиродӣ ва ғайримеъёриро дар бар мегиранд. Вале дохил намудани меъёрҳои ғайримеъёрӣ ба мазмуни санадҳои корпоративӣ моҳияти меъёрии санадҳои корпоративиро халалдор мекунад.

2. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳуми танзимнамоии корпоративӣ ҳамчун шакли таъсиррасонии корпоративӣ тавассути низоми воситаҳои меъёрӣ-ташкилӣ муайян карда мешавад (саҳ. 45). Заминаи назариявии мафҳуми зикршударо ақидаи дар илми назарияи умумии ҳуқуқ маълум оид ба танзими ҳуқуқӣ чун шакли таъсиррасонии ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ин ақидаро Азимова З.М. дар диссертатсия дастгирӣ менамояд (саҳ.105).

Айни замон танзими ҳуқуқӣ хусусияти амалӣ дошта, дар ҳамаи давраҳои эҷоди ҳуқуқ, амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқ истифода мешавад. Ҳалли баҳси ҳуқуқӣ ё парвандаи ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ ҳадафи асосии танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Танзими корпоративӣ низ хусусияти амалӣ дошта, дар дохили ташкилоти корпоративӣ сурат мегирад. Илова бар ин, қайд карда мешавад. ки танзими корпоративӣ тавассути низоми воситаҳои меъёрӣ-ташкилӣ ба роҳ монда мешавад. Воситаҳои меъёрӣ дар воқеъ унсури таркибии танзими ҳуқуқӣ, аз он ҷумла танзими корпоративиро ташкил медиҳанд. Аммо ақида оид ба истифодаи воситаҳои ташкилӣ дар ҷараёни танзими корпоративӣ баҳснок аст. Воситаҳои ташкилӣ унсури механизми танзими корпоративӣ набуда, айни замон барои танзими меъёрии корпоративӣ шароит фароҳам меоранд.

3. Дар диссертатсия хусусиятҳои меъёрҳои корпоративӣ бо мақсади муайян намудани тафовути онҳо аз дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Ба ақидаи муаллиф меъёрҳои корпоративӣ хусусиятҳои ҳатмӣ, давомнок, ғайриинфиродӣ доранд. Меъёрҳои корпоративӣ дар воқеъ дар дохили ташкилоти корпоративӣ мазмуни ҳатмӣ доранд, дар муҳлати муайян мунтазам истифода мешаванд. Айни замон ақидаи Азимова З.М. дар хусуси ин, ки меъёрҳои корпоративӣ хусусияти ғайринфиродӣ доранд, баҳснок аст. Меъёрҳои корпоративӣ мазмуни меъёрӣ ва фардӣ дошта метавонанд. Аз ҷумла, меъёрҳои корпоративӣ, ки дар санадҳои корпоративии ҳуқуқтатбиқкунӣ дарҷ мегарданд, нисбати шахсони муайян ё ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ равона карда мешаванд, хусусияти фардӣ доранд. Ин меъёрҳои корпоративӣ дар натиҷаи татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ, аз он ҷумла меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ бо мақсади ба шахсони ҷудогона ё ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ мутобиқ намудани меъёрҳои умумӣ ташаккул меёбанд. Санадҳои корпоративии фардӣ ба мисли санадҳои меъёрӣ дар танзими корпоративӣ истифода мешаванд. Онҳо унсури механизми танзими корпоративӣ мебошанд.

Эродҳои зикршуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба мазмуни мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Диссертатсияи Азимова Зебоҷон Муродалиевна дар мавзӯи: «Санадҳои корпоративӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи ҳуқуқи умуминазариявӣ», таҳқиқоти илмии тахассусӣ ва анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 10-16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи: «Санадҳои корпоративӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи ҳуқуқи умуминазариявӣ», ба ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мувофиқат дошта, муаллифи он Азимова Зебоҷон Муродалиевна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳаитов С.П.

Дурустии имзои н.и.ҳ., дотсент С.П. Ҳаитовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Раҷабов Б.С.

«____»_____________ 2021с.

734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14; Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тел.: 901030164, e-mail: saidali.66@list.ru